«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, профессор
_____Маҳмадёрзода У.М.
аз «10» _____с. 2025

ХУЛОСАИ

кафедраи микробиология ва эпизоотологияи факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ ва масуниятшиносӣ дар пойгоҳи кафедраи микробиология ва эпизоотологияи факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва таҷрибаҳои саҳроӣ бошад, дар хоҷагиҳои инфиродии ҷамоатҳои деҳоти ноҳияҳои Фархор, Кӯлоб ва Ҳамадонии вилояти Хатлон, инчунин хоҷагиҳои ноҳияи Рӯдакӣ ва шаҳри Ҳисор иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсияи номзадӣ Рабиев Ҳ.М. аспиранти шуъбаи таҳсили рӯзона (солҳои 2013-2017), сипас унвонҷӯи кафедраи микробиология ва эпизоотологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикичстон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба шумор мерафт.

Рабиев Ҳ.М. соли 2007 ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси 1-74030201-«Тибби ветеринарӣ», хатм намуд.

Пас аз хатми донишгоҳи номбурда аз моҳи августи соли 2012 то моҳи августи соли 2013 ба ҳайси мутахаҫҫиси пешбари Маркази таъминоти бехатарии озуқавории ноҳияи Фархор фаъолият намудааст. Соли 2014 бо фармоиши Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (фармоиши №251 аз 31.12.2013) ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи микробиология ва эпизоотологияи факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз рӯи ихтисоси 06.02.02-микробиологияи

ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо захрзамбурӯғшиносӣ ва масуниятшиносӣ қабул карда шудааст.

Тибқи фармони мазкур мавзуи рисола «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор дар хоҷагиҳои фардӣ» муайян гардида, роҳбари илмӣ номзади илмҳои ветеринарӣ, дотсент Ҳасанов Наҳтулло Раҳматович тасдиқ шудааст.

Бинобар сабаби тағйир додани самти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мавзуи рисолаи номзадии ӯ дар таҳрири нав дар Шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур "Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон" тасдиқ карда шуда, роҳбари илмиаш, доктори илмҳои биологӣ Раҳматзода Н.Р., таъйин гардидааст (протоколи №8 аз 28 феврали соли 2025).

Унвончуй имтиҳонҳои минимумро санаи 06.04.2021 аз фанни фалсафаи илм ва санаи 08.04.2021 аз забони англиси бо баҳои хуб (4) супоридааст. Унвончуй имтиҳони минимумро аз тахассуси тибби ветеринарӣ санаи 07.02.2023 таҳти рақами 38/25 бо баҳои аъло (5) супоридааст.

Диссертатсияи Рабиев М.Ҳ. дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои микробиология ва эпизоотология, фармакология ва паразитология, анатомия ва гистология, беҳдошти ветеринарӣ ва ҷарроҳӣ, қобилагӣ ва бемориҳои сироятнакунандаи дарунаи ҳайвоноти факултети тибби ветеринарӣ (протоколи № 4 аз «25» декабри соли 2024 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» чунин хулоса қабул карда шуд:

- ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия пурра мутобиқ мебошад;

- мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятнокии рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба банди 3-и "Стратегияи миллии рушди илм ва технологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва "Барномаи давлатии бехтарии озуқаворӣ барои солҳои 2023-2027", «Барномаи давлатии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар ҶТ» барои солҳои 2010-2015, ки аз 30 декабри соли 2009 таҳти №694 ва "Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар ҶТ барои

солҳои 2021-2025", ки мутобиқи қарори ҲҶТ аз 27 феврали соли 2021, таҳти № 49 алоқамандии амиқ дорад;

- теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба бемории сили ҳайвонот ва ташхиси он бо истифода аз усулҳои гуногун бахшида шуда, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мутобиқ мебошад;

- санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот мавҷуд буда, натиҷаҳои тадқиқоти мазкур дар истеҳсолот татбиқ гардидаанд;

- саҳми шахсии унвонҷӯй аз омӯзиш ва таҳлили маълумоти адабӣ, гузаронидани таҳлили оморӣ, омӯзиши усулҳои молекулавӣ, серологӣ, бактериологӣ, биологӣ ва клиникии таҳқиқи маводи амрозӣ аз чорво, банақшагирӣ ва татбиқи бевоситаи тадқиқот, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада иборат аст, инчунин тартиб додани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ онҳо дар шакли мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ саҳми бевоситаи унвонҷӯ мебошад.

Диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ ба 5.1, 5.5 ва 5.11 Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ ва масуниятшиносӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия дар ҳаҷми 137 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, шарҳи адабиёт, тавсифи тадқиқоти шахсӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М] Рабиев Ҳ.М. Асосҳои технологии истеҳсоли маводи пробиотикӣ ва истифодаи онҳо барои ислоҳсозии дисбактериози ҳайвонот ва парандагон **[Матн]** / Н.Р. Рахматзода, Ҳ.М. Рабиев, А.Ҳ.Бобоев, М.Т. Ҷумаева // Кишоварз. - 2021. - №1 (90). - С. 78-81., ISSN 2074-5435.

[2-М] Рабиев Ҳ.М. Услуби баҳисобгирии фардии санҷиши симултании туберкулинӣ бо истифодаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ (КАМ) **[Матн]** / Н.Р. Раҳматзода, А.П. Саломов, Ҳ.М. Рабиев, М.С. Зоиров, С. Исвалиев // Кишоварз. - 2019.- №2 (82).- С. 94-95., ISSN 2074-5435.

[3-М] Рабиев Ҳ.М. Изучение эффективности ускоренной симультанной туберкулиновой пробы при диагностике туберкулёза крупного рогатого скота **[Текст]** / Н.Р. Хасанов, А.Х. Найманов, И.А.Махмадалиев, Ҳ.М. Рабиев // Кишоварз. - 2014.. - С.25-28., ISSN 2074-5435.

[4-М] Рабиев Х.М. Способ диагностики туберкулеза крупного рогатого скота **[Текст]** / Н.Р. Хасанов, И.А. Махмадалиев, Х.М. Рабиев // Кишоварз. - 2014. - №3/1. - С. 28-30., ISSN 2074-5435.

[5-М] Рабиев Ҳ.М. Санҷиши фаврии симултании туберкулинӣ ҳангоми ташхиси бемории сили чорвои калони шохдор **[Матн]** / Н.Р. Хасанов, И.А. Махмадалиев, Ҳ.М. Рабиев // Таджикский аграрный университет. Кишоварз. 2014. - №3. - С. 25-27., ISSN 2074-5435.

Дар дигар нашриёт

[6-М] Рабиев Ҳ.М. Бемории сил, масоили халталаб ва роҳҳои бартараф намудани он **[Матн]** / Н.Р. Хасанов, И.А. Махмадалиев, Ҳ.М. Рабиев // Материалы научных трудов ТАУ, посв.70-летию зооинжинерного факультета. Душанбе, 2014. С.186-196.

[7-М] Рабиев Ҳ.М. Современные проблемы диагностики туберкулёза крупного рогатого скота **[Текст]** / Н.Р. Хасанов, Р.Х. Шадыбаева, Ҳ.М. Рабиев // Международная научная конференция г. Самарканд, 2016, стр. 72-74.

[8-М] Рабиев Ҳ.М. Методика индивидуального учёта симультанной туберклиновой пробы с применением ППД – туберкулина для млекопитающих и КАМ / Н.Р. Раҳматзода, А.П. Саломов, Ҳ.М. Рабиев **[Текст]** // Материалы II международной научно-практической конфекренции Института живодноводство ТАСХН совместно с ФГБОУ ВО Башкирским государственным аграрным университетом. Душанбе, 18-19 октября 2018. С. 28-32.

[9-М] Рабиев Ҳ.М. Аҳамияти ташхиси аксуламали занҷираи полимеразӣ (ПЦР) ҳангоми бемории сили чорвои калони шохдор **[Матн]**

/ Н.Р. Раҳматзода, А.П. Саломов, Ҳ.М. Рабиев, Ф.С. Зулмуродов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ “Чорводорӣ”. – 2019. - №1 (01). С. 13- 14.

[10-М] Рабиев Ҳ.М. Таҳқиқи морфологии узвҳои дарунӣ ҳангоми амрозӣ гуногуни сироятии ҷавонаҳо **[Матн]** / Н.Р. Раҳматзода, Ҳ.М. Рабиев, М.Т. Ҷумаева // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Ташхис, пешгирӣ ва табобати беморӣҳои бактериявӣ ва зоонозҳо». Душанбе, 2022. - С. 77-87.

[11-М] Рабиев Ҳ.М. Бемории сил - масоили умумимиллӣ **[Матн]** / Раҳматзода Н.Р., Саломов А.П., Иматшоев И.Х., Рабиев Ҳ.М.// Рӯзномаи “Дониш”. 2019. - №9-10 (238).- С. 10-11.

[12-М] Рабиев Ҳ.М. Диагностические исследования при туберкулезной инфекции крупного рогатого скота **[Текст]** / Н.Р. Рахматзода, Х.И. Раджабов, Х.М. Рабиев, М.С. Зоиров // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ: «Самаранокии парвариши чорвою паранда ва нақши тибби ветеринарӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2023. - С. 53-57.

[13-М] Рабиев Ҳ.М. Омӯзиши таъсири фаъолнокии бактериостатӣ ва бактерисидии маводи пробиотикии лаксубтил нисбат ба барангезандагони микобактериозҳо **[Матн]** / Н.Р. Раҳматзода, С.М. Исвалиев, Рабиев Ҳ.М. Шоимардонов Ё.Б. // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ: «Самаранокии парвариши чорвою паранда ва нақши тибби ветеринарӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2023. - С.115-117.

[14-М] Рабиев Ҳ.М. Сироятҳои микобактериявии инсон ва усулҳои муолиҷаи онҳо **[Матн]** / Н.Р. Раҳматзода, А. Ҳабибов, С.М. Исвалиев, Ҳ.М. Рабиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ: «Усулҳои самараноки ташхис ва мубориза бар зидди бемориҳои сироятию инвазионии ҳайвонот». Душанбе, 2024. - С.119-122.

[15-М] Рабиев Ҳ.М. Навъҳои сариран муҳими микобактерияҳои ғайрисилӣ ва хусусиятҳои иллатзойии онҳо **[Матн]** / Н.Р. Раҳматзода, Ҳ.И. Раҷабов, Ҳ.М. Рабиев, С.М. Исвалиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ: «Усулҳои самараноки ташхис ва мубориза бар зидди бемориҳои сироятию инвазионии ҳайвонот». Душанбе, 2024. С. 201-208.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ кори таҳқиқии анҷомёфта хисобида шавад.

2. Диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои микробиология ва эпизоотология, фармакология ва паразитология, анатомия ва гистология, беҳдошти ветеринарӣ ва ҷарроҳӣ, қобилагӣ ва бемориҳои сироятнакунандаи дарунаи ҳайвоноти факултети тибби ветеринарӣ (протоколи № 4 аз «25» декабри соли 2024 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ- 25 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор»- 25 нафар, «зиёд» - нест, «бетараф»- нест.

Раиси ҷаласа, н.и.в., дотсент Раҳимов Ф.Ф.

Котиби ҷаласа, н.и.в. Ҷураев С.

Имзоҳои Раҳимов Ф.Ф. ва Ҷураев С.- ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо Қурбонзода А.Х.